***УДК 332.1***
***DOI10.24412/2411-1945-2022-3-103-113***

***ТАКМИЛИ СИЁСАТИ МИНТАҚАВӢ ДАР СОҲАИ ДАРОМАДИ АҲОЛӢ***

***Саидҷонов Содиқҷон Шарифҷонович,*** *муаллими калони кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии ДДҲБСТ* ***Зокирова Шаҳодат Муҳитдиновна,*** *н.и.и., дотсенти кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи ДДҲБСТ (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

***СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ РЕГИОНАЛЬНОЙ ПОЛИТИКИ В СФЕРЕ ДОХОДОВ НАСЕЛЕНИЯ***

***Саиджонов Содикжон Шарифджонович,*** *старший преподаватель кафедры бухгалтерского учета ТГУПБП;* ***Зокирова Шаходат Мухитдиновна****, канд. экон. наук, доцент кафедры экономики предприятий и региона ТГУПБП (Таджикистан, Худжанд)*

***IMPROVEMENT OF REGIONAL POLICY IN THE SPHERE OF POPULATION'S INCOMES***

***Saidjohnov Sodikjohn Sharifjohnovich,*** *senior teacher of the department of accounting under TSULBP,* ***Zokirova Shakhodat Mukhitdinovna,*** *candidate of the sciences of economics, Associate Professor of the department of enterprise and region economy, TSULBP (Tajikistan, Khujand)*

***Калидвожаҳо:*** *даромади аҳолӣ, тафриқаи даромад, танзими даромад, сиёсати минтақавӣ, усулҳои танзим, сатҳи зиндагӣ, барномаи давлатӣ*

*Масъалаҳои такмили сиёсати минтақавӣ дар соҳаи даромади аҳолӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Зарурати танзими давлатии даромади аҳолӣ, махсусан дар шароити иқтисоди бозорӣ баррасӣ шуда, бо дарназардошти вазъи воқеии сатҳи зиндагии аҳолии манотиқи кишвар, аз ҷумла аҳолии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои асосии калидии такмили сиёсати иҷтимоии давлатӣ пешниҳод гардидаанд. Дар асоси таҳлили сохтори даромади аҳолии вилояти Суғд дар даҳсолаи охир, таҳлили муқоисавии музди миёнаи меҳнат дар минтақаҳои кишвар, музди меҳнати миёна дар навоҳии вилоят, чораҳои асосии давлатӣ тавассути таҳияи барномаи баробарсозии даромади аҳолии минтақаҳо дар сатҳи ҷумҳурӣ, минтақа ва маҳаллӣ асоснок карда шудааст.*

***Ключевые слова:*** *доходы населения, дифференциация доходов, регулирование доходов, региональная политика, методы регулирования, уровень жизни, государственнная программа*

*Исследуются вопросы совершенствования региональной политики в области доходов населения. Рассмотрена необходимость государственного регулирования доходов населения в условиях рыночной экономики, с учетом реального состояния уровня жизни населения регионов, в частности Согдийской области Республики Таджикистан. Предложены ключевые направления совершенствования государственной социальной политики в области доходов. На основе анализа структуры доходов населения Согдиской области, сравнительного анализа среднемесячной заработной платы по регионам и по районам области обоснованы основные государственные меры посредством разработки программы по выравниванию доходов населения регионов на республиканском, региональном и местном уровне.*

***Key-words:*** *incomes of the population, income of differentiation, the regulation, the regional policy, the methods of regulation, standard of living, state program of income*

*The article examines the issues of improving the regional policy in the field of incomes of the population. The necessity of state regulation of incomes of the population in a market economy is considered, taking into account of the real state of the standard of living of the population of the regions, in particular the Sughd region of the Republic of Tajikistan, the main key directions for improving the state social policy in the field of income are proposed.On the based of analysis of the income structure of the population of the Sughd region, a comparative analysis of the average monthly wages of the regions of the country, the average monthly wages by districts of the region, the main measures of the state are substantiated by developing a program for equalizing the incomes of the population of the regions at the republican, regional and local levels.*

Рушди минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди гуногунпаҳлӯ буда, беҳтар намудани зиндагии аҳолӣ яке аз ҷанбаи муҳимтарини он ба ҳисоб меравад. Дар айни замон баландбардории сатҳи даромади воқеии аҳолии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи аввалиндараҷа мебошад. Дар робита бо баландбардории даромад масъалаи асосии зерин ба миён меояд: оё дар шароити бозорӣ ба равандҳои ташаккул, тақсим ва бозтақсими даромади аҳолӣ таъсир расонидан имконпазир аст? Муаммои бартараф кардан ва ё ҳадди ақал танзими тафриқаи даромади аҳолӣ ба қатори масъалаҳои мураккаби сиёсати макроиқтисодӣ ва ҳадафҳои муҳимтарини сиёсати дохилии ҳар як давлат дохил мешавад.

Зарурати дахолати муайяни тасҳеҳии давлатро ба соҳаи даромад намояндагони ҳамаи консепсияҳои иқтисодӣ эътироф мекунанд. Дар ҳамаи низомҳои иқтисодӣ, ҷамъият дар ин ё он дараҷа дастгирии моддии шахсони муваққатан бешуғл, ғайри қобили меҳнат ва таъминоташон ғайрикофиро ба зимма мегирад. Лекин, дар баробари ин, тарафдорони усули сотсиалистӣ, ки бар муқобили мустақилияти иқтисодии истеҳсолкунандагон ва бозор баромад мекунанд, чунин меҳисобанд, ки ҳамаи амалҳои иштирокдорони истеҳсолот ва мувофиқан тақсимоти маҳсулоти истеҳсолшуда бояд ба таври қатъӣ ба танзим дароварда шавад.

Дар иқтисодиёти нақшавӣ сиёсати тақсимотии давлат вазифаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва идеологиро иҷро менамуд. Вай ба он ҳолат асос меёфт, ки давлат масъулияти пурраи некӯаҳволии ҳар як фардро ба дӯши худ мегирад. Сатҳи пасти даромади пулӣ бо хизматрасониҳои ройгони иҷтимоӣ оид ба ҳифзи саломатӣ, маориф ва манзил, ки давлат пешниҳод мекунад, ҷуброн карда мешавад. Нархи молҳои ниёзи аввалиндараҷа, ба мисли хӯрокворӣ, манзил, хизматҳои коммуналӣ, нақлиёт ва ғайра аз ҷиҳати маъмурӣ муқаррар ва дар сатҳи пасту қобили қабул нигоҳ дошта мешавад. Лекин, аз сабаби маҳдуд будани захираҳо чунин ҳолат тӯлонӣ давом ёфта наметавонад ва чӣ тавре ки таҷриба нишон медиҳад, пас аз як қатор тағйироти ғайричашмдошт таназзули тамоми низом ба амал меояд.

Ҷонибдорони консепсияи бозорӣ зарурати танзими равандҳои бозтақсими даромадро эътироф намуда, аз он бар меоянд, ки механизми иқтисодиёти бозорӣ худтанзимкунанда маҳсуб меёбад ва ба ҳадди аксар расонидани ҷиҳатҳои мусбат ва ба ҳадди ақал овардани ҷиҳатҳои манфии бозор равона гардидааст. Аммо, вай аз ҷиҳати иҷтимоӣ бефарқ буда, ба ҳеҷ кас ҳуқуқ ба меҳнат, ба даромад, таҳсил, ба ҳифзи иҷтимоӣ дар ҳолати аз даст додани қобилияти меҳнатиро намедиҳад. Маҳз ҳамин ҳолат дар низоми иқтисоди бозорӣ ба тавсеаи сатҳи нобаробарӣ аз рӯйи даромад шароит ба вуҷуд меорад. Лекин, дараҷаи аз ҳад зиёди тафриқабандии иҷтимоии ҷамъият, талаботи маҷмӯиро дар иқтисодиёт ихтисор намуда, дар интиҳо ба поёнравии иқтисодӣ оварданаш мумкин аст. Афзоиши табақабандии иҷтимоӣ

боиси афзоиши теъдоди аҳолии камбизоат мегардад ва мумкин аст сабаби тақвияти ташаннуҷи иҷтимоӣ шавад. Сабабҳои мазкур, давлатро бо мақсади коҳиш додани нобаробарӣ ва рафъи зуҳуроти номатлуби он ба иҷрои функсияи субъекти танзимкунанда дар соҳаи тақсимоти даромад водор месозад.

Танзими даромади пулии аҳолиро ба амал оварда, давлат усулҳо ва воситаҳои гуногунро истифода мебарад, ки онҳо вобаста ба шароитҳои муайян, имконоти моддии давлат, амалияи танзим тағйир мёбанд. Тавассути усулҳои мавриди татбиқ, давлат вазифаи танзимотии худро амалӣ намуда, ба мақсадҳои муайяншуда ноил мегардад. Байни усулҳои танзими давлатии даромади аҳолӣ усулҳои ҳуқуқӣ, маъмурӣ ва иқтисодиро ҷудо намудан мумкин аст, ки дар навбати худ ба мустақим ва ғайримустақим ҷудо мешаванд. [1, с. 84] Сиёсати иҷтимоӣ унсури марказии стратегияи миллии коҳиши камбизоатӣ ба ҳисоб меравад, зеро дар он чораҳое муайян мегарданд, ки бевосита барои рафъи зуҳуроти мазкур дар соҳаҳои зерин равона мегарданд:

- сиёсати ташаккули даромад;
- сиёсат дар бозори меҳнат, шуғлнокӣ ва музди меҳнат;
- рушди хидматрасониҳои иҷтимоӣ (тандурустӣ, маориф ва ғайра);
- низоми ҳифзи иҷтимоӣ;
- низоми нафақа, такмили қонунгузорӣ;
- сиёсати минтақавӣ;
- рушди бизнеси хурд ва миёна ҳамчун соҳаи худиштиғол ва худкӯмакрасонӣ;
- такмили қонунгузорӣ дар самтҳои мазкур.

Дар робита бо ин, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 татбиқи маҷмӯи чораҳоеро пешбинӣ мекунад, ки ба самтҳои зерин равона шудаанд:

- мусоидат ба афзоиши даромади аҳолӣ, бахусус, аҳолии деҳот, ҷавонон ва занҳо;
- фароҳам овардани шароит барои ёфтани ҷойи кории сазовор ва пурмаҳсул, аз ҷумла бо кор таъмин намудани табақаҳои осебпазири аҳолӣ;
- коҳишдиҳии сатҳи нобаробарӣ дар ҷомеа.[2]

Рушди устувори иқтисодиёт ва ба миён омадани иқтисодиёти омехта ва афзудани мустақилияти субъектони хоҷагидор дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳияи стратегияи ташаккул ва истифодаи ҳамаи намудҳои даромади пулии аҳолии вилояти Суғдро тақозо менамояд. [3, с.118] Тибқи маълумоти расмии оморӣ музди меҳнати миёнаи номиналии ҳармоҳа дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла вилояти Суғд афзуда истодааст (ниг. ба расми 1).




**Расми 1 –** Динамикаи даромади миёна ба ҳар сари аҳолии в. Суғд дар солҳои

2010-2020

Дар баробари ин, суол ба миён меояд, ки то кадом дарача ин раванд рушдёбанда аст. Омӯзиши динамикаи даромади воқеии аҳолӣ бошад, чунин афзоишро нишон намедиҳад, ки маҳз ҳамин муаммо мебошад.




**Расми 2 –** Динамикаи даромади воқеии аҳолии в. Суғд дар солҳои 2011-2020

Тавре аз расми 2 бармеояд, афзоиши даромади воқеии аҳолӣ дар солҳои 2012 (124,3%), 2013 (116,85%), 2017 (116,7%) ва 2020 (122,53%) назаррас ба ҳисоб мераванд. Лекин, солҳои 2014 ва 2015 тамоюли пастшавӣ ба назар мерасад, ки ба фикри мо, ба ин раванд болоравии сатҳи таваррум, ки дар ин солҳо мутаносибан 7,4% ва 6,3% - ро ташкил дода буд, таъсир расонидааст.

Татбиқи сиёсати минтақавии даромад бояд ба баландбардории сатҳи зиндагии аҳолӣ ва рафъи тафриқаи аз ҳад зиёди даромад равона гардад. Мухталиф будани сарчашмаҳои даромади аҳолӣ дар сохтори гуногуни вай аз рӯйи намуд зоҳир мегардад, ки асоси иқтисодии раванди тафриқа ба ҳисоб меравад.

Ба андешаи мо, раванди тафриқаи даромади аҳолӣ ҳамчун ягонагии нишондиҳандаҳои сифатӣ ва миқдории вай, зарурати таҳқиқи сохтори даромади аҳолиро ба миён оварда, ба сиёсати ташаккулёбии даромад ба тафриқаи он мустақиман таъсир мерасонад.

Динамикаи сохтори даромади пулии аҳолӣ, ки мушаххасоти муҳимми самаранокии сиёсати амалишавандаи давлатӣ маҳсуб меёбад, дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

**Ҷадвали 1 –** Динамикаи сохтори даромади аҳолии вилояти Суғд

| Сарчашмаҳои даромад | Солҳо | | | | | | | | | | | Соли 2020 нисбат ба соли 2010, б.ф. |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | |
| ҳамагӣ | 100 % | 100% | 100% | 100% | 100 % | 100 % | 100% | 100 % | 100 % | 100 % | 100 % | |
| даромади меҳнатӣ | 34,5 | 39,0 | 38,3 | 47,2 | 48,8 | 51,8 | 58,5 | 54,2 | 51,6 | 56,4 | 45,5 | +11 |
| трансфертҳои иҷтимоӣ | 2,9 | 3,6 | 3,8 | 4,5 | 4,8 | 5,3 | 5,4 | 5,5 | 5,3 | 6,2 | 7,4 | +4,5 |
| даромад аз моликият | 0,02 | 0,5 | 0,1 | 0,91 | 0,01 | - | 0,2 | 0,1 | 0,3 | 0,1 | 3,8 | +3,8 |
| даромад аз хоҷагии | 31,3 | 26,4 | 24,2 | 16,5 | 16,6 | 18,6 | 12,2 | 13,6 | 10,4 | 9,4 | 11,1 | -20,2 |

| | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ёрирасон и шахсӣ | | | | | | | | | | | | |
| дигар даромади пулӣ | 31,3 | 30,5 | 33,4 | 30,9 | 29,8 | 24,3 | 23,7 | 26,6 | 32,4 | 27,9 | 32,2 | +0,9 |

Сарчашма: Маҷмӯи омори вилояти Суғд. Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2021 с., С. – 211-213

Сохтори даромади пулии аҳолии вилояти Суғд тайи солҳои ислоҳоти иқтисодӣ дар кишвар ба як қадар тағйирот дучор гардид. Агар ба сохтори даромади аҳолӣ дар тӯли 10 соли охир назар афканем, мушоҳида карда метавонем, ки ҳиссаи музди меҳнат торафт устувор мегардад. Дар соли 2010 ҳиссаи он 34,5% - ро ташкил дода, соли 2020 то ба 45,5% афзудааст. Афзоиши ёздаҳфоиза аз он шаҳодат медиҳад, ки дар иқтисодиёти минтақа ҳиссаи даромади меҳнатӣ нисбатан устувор буда, ба сатҳи давраи шӯравӣ баробар шуда истодаст (соли 1990 – 71,5% ва соли 1991 – 58,3%). Дар баробари ин бояд қайд намуд, ки дар соли 2020 каму беш коҳиши он ба назар мерасад. Ба фикри мо, ин тамоюли коҳиш бо афзоиши ҳиссаи пардохтҳои иҷтимоӣ ҷуброн гардидааст, ки соли 2020 он 7,4% - ро ташкил кард. Тайи даҳ соли охир ҳиссаи пардохтҳои иҷтимоӣ 2,5 маротиба афзоиш ёфтааст, ки ин тамоюл аз натиҷаи сиёсати пешгирифтаи ҳукумат оид ба дастгирии табақаи камбизоати ҷомеа шаҳодат медиҳад. Даромад аз хоҷагии ёрирасони шахсӣ дар солҳои охир тамоюли пастравӣ дошта, ба ақидаи мо, бо зиёд гардидани теъдоди шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ вобастагӣ дорад, ки ба таъмини аҳолӣ бо ҷои кори доимӣ ва даромади пулӣ дар шакли музди меҳнат мусоидат намудааст. Ҳамчунин инро мо аз фаъолияти мустақилонаи касбӣ, ки дар солҳои охир тамоюли болоравӣ дорад, дида метавонем. Тағйироти мазкур дар расми 3 инъикос ёфтааст.




**Расми 3** – Муқоисаи сохтори даромади аҳолии в. Суғд дар солҳои 2010-2020

Додаҳо оид ба тағйироти сохтори даромади пулии аҳолӣ дар вилояти Суғд аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар раванди дигаргуниҳои трансформатсионӣ дар ташаккули даромади аҳолӣ баъзе тағйирот ба миён омаданд.

Аҳамият ва нақши даромади аҳолӣ дар шаклҳои аз нав ташаккулёбандаи моликият ба таври назаррас тағйир ёфта, боиси тағйирот ва пайдоиши ташаккул ва бозтақсими даромад, пардохти меҳнат ва музди кор мегардад, ки ба тақсимоти дурусти муносибатҳо дар шаклҳои нави моликият мусоидат менамояд. [4, с. 84] Ба андешаи мо, хусусият ва «муаммои» Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳоти ниҳодии нотамом, маҳдудият дар имкониятҳои молиявии рушди минтақаҳои ҷумҳурӣ ҳангоми мавҷуд набудани анъанаҳои риояи қатъии қоидаҳое мебошад, ки тартиби истифодаи мақсадноки кӯмаки молиявиро муайян мекунанд.

Тафриқаи аз ҳад зиёди байни минтақаҳо вазъи иқтисодӣ ва сиёсиро дар мамлакат тезутунд намуда, зарурати барои амалҳои мақомоти идоракуниро, ки ба коҳиши тавофутҳои

байниминтақавӣ дар даромади аҳолӣ равона мегарданд, ба миён меорад.

Музди меҳнати миёна дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ тавофути назаррас дорад. Дар расми 4 музди миёнаи меҳнати номиналии ҳармоҳаи пардохташудаи кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳо дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст.




Расми 4 - Музди миёнаи меҳнати номиналии ҳармоҳаи пардохташудаи кори кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳо дар сатҳи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо сомонӣ) [5, с. 217]

Чӣ тавре ки аз расми 4 бар меояд, дар мамлакат музди меҳнати миёнаи баландтарин дар ш. Душанбе ба мушоҳида мерасад, ки 2080,8 сомониро ташкил мекунад. Музди кори аз ҳама паст дар вилояти Хатлон 1053,7 сомонӣ ба қайд гирифта шудааст. Дар вилояти Суғд ин нишондиҳанда 1236,2 сомонӣ ё 88,7 % - и сатҳи ҷумҳуриявиро ташкил медиҳад.

Дар расми 5 маълумот оид ба бузургии музди миёнаи меҳнати ба кормандони корхонаю ташкилотҳои вилояти Суғд пардохташуда оварда шудааст.




**Расми 5** - Музди миёнаи меҳнати номиналии ҳармоҳаи пардохташудаи кори кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳои шаҳру ноҳияҳои в.Суғд дар соли 2020 (бо сомонӣ) [6, с. 217]

Чӣ тавре ки аз расм бар меояд, дар миқёси вилоят музди миёнаи меҳнатии номиналии ҳармоҳаи ба кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳо пардохташуда дар ш. Гулистон (2078,34 с.), ш. Панҷакент (1537,37 с.), н. Айнӣ (1496,17 с.) ва ш. Хуҷанд (1430,13 с.) аз сатҳи ҷумҳуриявӣ низ баланд аст. Дар баробари ин, музди миёнаи меҳнати ҳармоҳа дар ноҳияҳои Кӯҳистони Мастчоҳ, Шаҳристон, Деваштич, Ашт ва Мастчоҳ дар миқёси вилоят паст арзёбӣ мегардад. Дар иртибот бо ин масъала, мақомоти идоракунӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ бояд ду масъалаи асосиро ҳал намоянд.

Аз як тараф, расонидани кӯмаки мунтазам ба минтақаҳои камдаромади ҷумҳурӣ (масалан, ноҳияҳои Кӯҳистони Мастчоҳ, Деваштич, Шаҳристони вилояти Суғд), ки алҳол имконияти ҳалли мустақилонаи муаммоҳои таъмини сатҳи муносиби зиндагии аҳолиро

бинобар таъминнокии пасти буҷетии минтақаҳои мамлакат, махсусан дар таъмини кафолатҳои ҳадди ақалли иҷтимоӣ аз рӯйи намудҳои асосии хизматрасониҳои ҷамъиятӣ надоранд. Дар акси ҳол ҳолати иқтисодиёт ва соҳаи иҷтимоиёти ин минтақаҳо ба оқибатҳои вайронкунанда оварда мерасонад.

Кӯшишҳои асосӣ дар баробарсозии сатҳи зиндагӣ дар субъектони мамлакат ба ҳокимиятҳои минтақавӣ ва маҳаллӣ марбутанд, ки бояд шароитҳоро барои фаъолгардонии механизмҳои худтанзимкунии бозории иқтисодиёт фароҳам оваранд.

Мутаассифона, ҳукуматҳои минтақавӣ дар аксари субъектони мамлакат дар самти сиёсати иҷтимоӣ ташаббус зоҳир намекунанд ва бештар ба амалҳои ҳокимияти ҷумҳуриявӣ умед мебананд. Минтақаҳои мамлакат имкониятҳои банақшагириро дар сиёсати иҷтимоӣ ба таври суст амалӣ намуда, ҳамчун иҷрокунандаи қарорҳои мақомоти ҳокимияти ҷумҳуриявӣ боқӣ мемонанд.

Дар баробари ин, барои арзёбии тафриқа нишондиҳандаҳои нисбат ба ҳадди ақалли зиндагӣ васеи маҷмӯи молҳо ва хизматҳо, аз қабили нишондиҳандаҳои буҷети барқароркунанда ва буҷети басандагии баланд истифода мешаванд. Таркиб ва сохтори ин буҷетҳо на тавофутҳои фардӣ дар истеъмоли неъматҳои моддӣ ва хизматҳо, балки моделҳои гуногуни сифати зиндагии онҳо, мувофиқан, мансуб будани онҳо ба гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоии аҳолиро тавсиф медиҳанд.

Айни замон воситаи сиёсати иҷтимоии давлат ҳадди ақалли зиндагӣ ба ҳисоб рафта, яке аз самтҳои афзалиятноки он наздик намудани кафолатҳои ҳадди ақалли иҷтимоӣ ба бузургии ҳадди ақалли зиндагӣ мебошад. Вобаста ба ин, масъалаи сабади истеъмолӣ барои гурӯҳҳои асосии иҷтимоиву демографӣ дар маҷмӯъ аз рӯйи мамлакат ва минтақаҳои он аҳамияти махсусро касб мекунад. Мувофиқи моддаи 6 – и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳадди ақалли зиндагӣ» сабади истеъмолӣ камаш як маротиба дар 5 сол муайян мегардад.[7] Мубрам будани сабади истеъмолӣ бо тағйироти воқеӣ дар истеъмолоти аҳолии камбизоат вобастагӣ дорад, ки бо васеъгардии пардохтҳо дар соҳаҳои иҷтимоӣ, амалигардонии чораҳо оид ба боздоштани имтиёзҳо ба категорияҳои алоҳидаи шаҳрвандон дар самти хизматрасониҳои коммуналӣ ва ғайра алоқаманд аст. Ҳадди ақалли зиндагӣ сарҳади камбизоатии мутлақи аҳолӣ ва меъёри муҳимми иҷтимоиро муайян менамояд, ки ноил гаштан ба он асоси сиёсати давлатии мубориза бо камбизоатии мутлақ қарор мегирад.

Равандҳои иҷтимоиву иқтисодӣ дар асоси шароитҳои заминавии барои ҳар як кишвар хос, омилҳои иҷтимоиву маданӣ, анъанаҳои миллӣ, хусусиятҳои таърихӣ рушд ёфта, ҳавасмандиҳои махсуси рафтори хоҷагӣ ва тақсимоти даромадро ташаккул медиҳанд. [8, с.135] Интихоби принсипҳои асосии адолати иҷтимоӣ дар тақсимоти даромад бояд дар ҳар як давлат вобаста ба сатҳи рушди иҷтимоиву иқтисодӣ муайян гардад.

Дар доираи таҳқиқи масъалаи такмили сиёсати минтақавӣ дар соҳаи даромади аҳолӣ таҳияи барномаи давлатӣ, ки ба рафъи тамоюлҳои тақвияти тафриқаи байниминтақавии даромади аҳолии кишвар нигаронида шудааст, мувофиқи мақсад ҳисобида мешавад.

Татбиқи барнома дар он минтақаҳои мамлакат, ки дорои даромади нокифояанд, барои бештар ҷолиб гардидан ба сармоягузорон, баланд бардоштани мақоми хеш ва сифати зиндагӣ мусоидат мекунад. Барои он минтақаҳое, ки дорои даромади кофӣ мебошанд, барои равона намудани захираҳои мавҷуда ба соҳаҳои бештар самаранок имкон дода, заминаҳои воқеиро барои ихтисори тафриқаи байниминтақавии даромади аҳолӣ ташаккул медиҳад.

Бо мақсади истифодаи самаранок ва муносиби захираҳои иқтисодиёти минтақаҳои мамлакат бо назардошти тағйирот дар рушди иҷтимоиву иқтисодӣ зарурати дохил намудани тағйирот ба базаи меъёрии ҳуқуқӣ, ки амали якҷояи давлат ва субъектони хоҷагидорро ба танзим медарорад, инчунин истифодаи чорабиниҳо – усулҳои танзим ба миён меояд.

Вазифаҳои умумии чунин танзим инҳоянд:

1. таҷдиди низоми истифодаи маблағҳое, ки аз андоз ва дигар пардохтҳо дар сатҳи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид мегарданд, дар асоси «муносибатҳои боварииноки» мақомоти ҷумҳуриявӣ ва минтақаҳои мамлакат (бозтақсими мустақилонаи маблағҳои дохилшаванда аз ҷониби минтақаҳо). Бо назардошти он, ки даромади андоз манбаи аосии буҷети давлат мебошад, банақшагирии оқилонаи воридоти онро метавон асоси идоракунии самарабахши давлатӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ҳисобид [9, с. 43];

2. ба ҳадди ақал расонидани талафоти иқтисодии хоҷагии халқ аз таъсири оқибатҳои тафриқаи байниминтақавии даромади аҳолии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

3. беҳтар гардонидани робитаҳои байниминтақавӣ дар асоси ҳамгироии иқтисодиёти минтақаҳои ҷумҳурӣ барои қабули қарорҳои идоравӣ ва ояндабинӣ бо назардошти таҷрибаи байналмилалӣ;

4. таъсиси муҳити мусоид барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва беҳтар намудани иқлими сармоягузорӣ.

Тибқи сохтори Барномаи давлатӣ дар сатҳи якуми идоракунӣ (ҷумҳуриявӣ) расонидаи кӯмаки фаврӣ ба минтақаҳо дар ҳолатҳои фавқулода, инчунин кӯмакҳои ҷорӣ, миёнамӯҳлат ва дарозмӯҳлат ба амал меояд (расми 6).




**Расми 6** – Схемаи танзими давлатии рушди минтақаҳо барои таҳияи барномаи баробарсозии даромади аҳолӣ

Дар сатҳи якуми барномаи давлатӣ татбиқи чорабиниҳои зерин зарур аст:

- муқаррар намудани стандартҳои ягонаи иҷтимоӣ барои аҳолӣ дар асоси истифодаи низоми

буҷети истеъмолӣ ва дар оянда таъсисдиҳии табақаи миёна дар кишвар;

- таъсиси рақобат байни минтақаҳои ҷумҳурӣ оид ба рушди сармояи инсонӣ, ҳавасмандкунии таҳсилот (дар алоҳидагӣ барои шахсон бо маълумоти олӣ ва миёна), давомнокии ҳаёт ва оммавӣ гардонидани ин раванд. Ин боиси афзоиши рушди иқтисодӣ, мутаҳаррикии баланди аҳолӣ, коҳиши «рӯҳияи туфайлихӯрӣ» байни минтақаҳои мамлакат мегардад;

- расонидани кӯмаки давлатии интихобӣ ба минтақаҳои муаммодори мамлакат тавассути барномаҳои мақсадноки ҷумҳуриявӣ;

- сиёсати бозтақсими давлат дар самти кӯмаки молиявӣ;

- саъю кӯшиш ба афзоиши ММД то ба сатҳи мамлакатҳои мутараққӣ ва на кам аз 8-10%;

- таъсиси заминаҳои зарурии меъёрии ҳуқуқӣ, ниҳодӣ ва умумииқтисодии амалкарди иқтисоди бозорӣ;

- такмили низоми кафолатҳои ҳадди ақалли иҷтимоӣ, ки такрористеҳсоли муътадили онҳоро таъмин мекунад: ҳадди ақалли музди меҳнат ва нафақаи меҳнатӣ, кӯмакпулиҳои суғуртавӣ, кӯмакпулиҳои суроғавӣ барои категорияҳои алоҳидаи аҳолии ғайри қобили меҳнат, кӯмакпулиҳои суроғавӣ барои ҳамаи аҳолии камбизоат;

- баланд бардоштани музди меҳнат дар кишоварзӣ ва бахши буҷетии иқтисодиёт. Рушди механизми комилан бозории пардохти меҳнат дар асоси низоми шарикии иҷтимоӣ (созишномаҳои генералии тарофавӣ, созишномаҳои соҳавӣ, созишномаҳои касбӣ ва ғ.)

- муайян кардани захираҳои афзоиши даромади миёна пулӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар ҳар як минтақаи мамлакат ва ҳавасманд гардонидани афзоиши омилҳо бо мақсади баландбардории бевоситаи сатҳи зиндагии аҳолӣ ва коҳиши тафиқаи даромади аҳолӣ зарур аст;

- барои аҳолӣ ва мақомоти хоҷагӣ фароҳам овардани шароитҳое, ки зимни он иштирокдорон ба қонунигардонии даромади худ ҳавасманд мешаванд;

- индексатсияи давравии даромадҳои меҳнатӣ (музди меҳнат дар соҳаи буҷет, нафақаҳо, кӯмакпулиҳо ва ба монанди ин).

Сатҳи навбатии низом минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки нисбат ба якум аллакай камтар буда, дар ин ҷо рушди гурӯҳҳои алоҳидаи минтақаҳои мамлакат инъикос меёбад. Низоми мазкур дар худ асосан таҳия ва татбиқи барномаҳои мақсадноки вилоятиро дар бар мегирад.

Дар сатҳи мазкур татбиқи чорабиниҳои зерин зарур аст:

- фаъолгардонии захираҳои дохилӣ ва ҳавасманд намудани рушди устувори иқтисодӣ;

- рушди соҳаҳои ёрирасон ва хизматрасон дар минтақаҳои мувофиқи мамлакат. Ба назардошти он ки ин соҳаҳо асосан корхонаҳои хурд ва миёнаро, ки ба мавҷудияти маҳдудияти талаботӣ дар бозори минтақаҳои мамлакат ҳассосияти махсус доранд, дар бар мегиранд, бо андозаи рушди соҳаҳои махсусгардонидашуда, инчунин андозаи дастгирии ҷумҳуриявии минтақаҳои мамлакат муайян мегарданд;

- татбиқи пурраи механизмҳои бозории худтанзим ба таъсиси ҳавасмандии иловагии рушди минтақаҳои мамлакат имкон дода, дар аксари манотиқи ҷумҳурӣ ба ҳайси самараи ҳавасмандкунандаи афзоиши арзиши қувваи корӣ хизмат мекунад. Дар навбати аввал, ин ба минтақаҳои дорои захираҳои меҳнатии барзиёд (масалан, ш. Хуҷанд, ш. Истаравшан) дахл дорад. Ҳангоми таъсири сармоягузорони хусусӣ ба татбиқи лоиҳаҳои рушд дар ин минтақаҳо, истеҳсолоти меҳнатталаб бо маҳсулоти дараҷаи баланди коркард ҳамчун мисоли таъсири мусбати механизмҳои бозорӣ ба тафриқаи байниминтақавӣ хизмат карда метавонад;

- таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии худ дар сатҳи минтақа аз руйи масъалаҳои баландбардории даромади аҳолӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо назардошти имкониятҳои мавҷудаи молиявию иқтисодӣ ва талаботи махсусан муҳим;

- ҳамгироии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун натиҷаи рақобат;

- барои муайянсозии дақиқи эҳтиёҷмандии минтақаҳои мамлакат, ба роҳ мондаи тарҳрезиҳои рушд, инчунин дар асоси онҳо пешгӯӣ кардани дар ҳолати ҳозира ва дурнамои наздик;

- истифодаи самараноки омилҳои дохилии рушди иҷтимоӣ - иқтисодии ҳар як минтақаи ҷумҳурӣ.

Сатҳи сеюм «маҳаллӣ» буда, кӯмак бевосита аз буҷети маҳаллӣ бар меояд. Ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии худ, ки барои коҳиши тафиқаи дохилиминтақавии даромади аҳолӣ мусоидат менамоянд, таҳия мегарданд.

Дар сатҳи мазкур татбиқи чунин чорабиниҳо зарур аст:

- равона намудани захираҳо ва таъмини шароитҳои зарурии аҳолии шаҳрҳо ва ноҳияҳои қаламрави минтақаи мамлакат;

- дарёфти созиш байни манфиатҳои минтақаҳо ва маҳалҳо;

- таъсиси барномаи мақсаднок ҳамчун сарчашмаи муҳимтарини бадастории захираҳои марказонидашудаи сармоягузорӣ;

- ҳавасманд гардонидани рушди ноҳияҳо ва шаҳрҳое, ки ҳамчун «нуқтаҳои рушди» минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои иқтидори бузурги илмӣ - техникӣ мебошанд.

Усули меъёрии танзим асосан дар сатҳи ҷумҳуриявӣ дар намуди тақсими маблағҳои пулӣ (андозҳо, дотатсияҳо, субсидияҳо, кӯмаки молиявӣ) байни минтақаҳои мамлакат истифода мешавад. Усули идоракунии иқтисодӣ таҳияи ҷорабиниҳои алтернативии рушди иҷтимоиву иқтисодии минтақаҳои мамлакатро ифода мекунад, ки дар доираи барномаҳои ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳияшаванда татбиқ мегарданд.

Ба фикри мо, барномаҳои минтақавии рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ошкор сохтани иқтидори шаҳрҳо дар сатҳи зарурӣ равона карда нашудаанд. Дар стратегияҳои рушди иҷтимоӣ – иқтисодии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсиси маҷмӯаи корхонаҳои рақобатпазир самти афзалиятнок ба ҳисоб меравад, ки омилҳои мавҷудаи мусоид ва заминаҳоро барои таъмини рушди устувори иқтисодӣ ба пуррагӣ истифода мебаранд. Дар ин ҳол, кӯмаки давлатии ба таври зуд вокуниш нишондиҳандаи умумиҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ зарур аст.

Тавассути барномаҳои мақсадноки ҷумҳуриявӣ аз рӯи самтҳои зерин фаъолият амалӣ мегардад: тақсимоти амиқи салоҳиятҳо байни мақомоти ҳокимият дар сатҳи ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ дар масъалаҳои расонидани кӯмаки иҷтимоӣ, инчунин нигоҳдории низоми амалкунандаи имтиёзҳои мухталиф ба категорияҳои гуногуни аҳолӣ, ки бидуни назардошти эҳтиёҷмандӣ пешниҳод мегардад.

Ҳамин тариқ, низоми танзими иқтисодиёт аз рӯйи се сатҳ барои ифода намудани ҳамон зарурате имкон медиҳад, ки ба ҳар як минтақаи мамлакат дар доираи масъалаи тафриқаи даромад ва камбудиҳо дар рушди иҷтимоиву иқтисодӣ зарур аст, яъне муайян намудани маҷмӯи чораҳои мусоиди дастгирии давлатии минтақаҳои муаммодори мамлакат. Мусаллам аст, ки ин ба истифодаи оқилонаи захираҳои мавҷуда имкон медиҳад.

**_Пайнавишт:_**


1. *Саиджонов С.Ш. Методы государственного регулирования доходов населения в Республике Таджикистан // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. – Худжанд, 2013. - №2. – С. 84-93.*
2. *Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.12.2016, таҳти №636). – Реҷаи дастарсӣ: URL: mmk.tj (санаи муроҷиат: 15.01.2022).*

3. *Байматов А.А., Авезов А.Х., Ризокулов Т.Р. и др. Формирование стратегии устойчивого развития региональной экономики. Коллективная монография ученых научно-исследовательского и образовательного центра Университета Шанхайской организации сотрудничества и устойчивого развития ТГУПБП. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 221 с.*
4. *Кодирзода Д.Б., Ибрагимов Х.А. Статистическое измерение доходов населения: теория, методология и практика - Душанбе: СИНО, 2021 – 128 с.*
5. *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон – 2021 (нашри расмӣ). Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2021. – 702 с.*
6. *Маҷмӯи омори вилояти Суғд. Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, Хуҷанд, 2021. – 744 с.*
7. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳадди ақали зиндагӣ» аз 19.05.2009, таҳти №521 – Реҷаи дастарсӣ: URL: mmk.tj (санаи муроҷиат: 09.12.2021).*
8. *Зокирова Ш.М. Проблемы регулирования доходов населения. – Худжанд: Хуросон, 2007. - 148 с.*
9. *Баҳодиҳии иқтидор ва тамоюли нишондиҳандаҳои асосии ҷамъоварии андоз дар вилояти Суғд. Маъмуров А.М., Исматов Х.Ҳ. // Ахбори ДДҲБСТ. Маҷаллаи илмӣ - назариявӣ. – Хуҷанд. 2021, №2 (87). – С. 41-55.*
10. *Кадыров Д.Б. Механизм регулирования доходов населения. – Душанбе: Ирфон, 2003. – 153 с.*

### *Reference Literature:*

1. ***Saidjohnov S.Sh.*** *Methods of State Regulation of Incomes of Population's Incomes in the Republic of Tajikistan // Bulletin of the Tajik State University of Law, Business and Politics. – Khujand, 2013. №2. – pp. 84-93.*
2. *National Development Strategy of the Republic of Tajikistan for the Period up to 2030 (Resolution of the* ***Majlisi Namoyandagon Majlisi Oli*** *of the Republic of Tajikistan dated 01.12.2016 No. 636). - Regime of availability: mmk.tj (Date of appeal: 15/01/2022)*
3. ***Baimatov A.A., Avezov A.Kh., Rizokulov T.R.*** *Formation of a Strategy for Sustainable Development of Regional Economy. Collective monograph of scientists of the research and educational center of the University under the Shanghai Cooperation and Sustainable Development Organization TSULBP. Dushanbe. "Cognition", 2014. - 221 pp.*
4. ***Kodirzoda D.B., Ibragimov Kh.A.*** *Statistical Measurement of Incomes of the Population: Theory, Methodology and Practice, Dushanbe: publishing house "SINO". Publishing-House of TNU, 2021 – 128 pp.*
5. *Statistical Annual of the Republic of Tajikistan – 2021 (Official publication). Agency on Statistics under the Auspices of the President of the Republic of Tajikistan. Dushanbe, 2021. – 702 pp.*
6. *Statistical collection of Sughd Viloyat. Tajikistan: 30 years of State Independence. The Central Directorate of the Agency for Statistics under the Auspices of the President of the Republic of Tajikistan in Sughd Viloyat. Khujand, 2021. - 744*
7. *Law of the Republic of Tajikistan "On Subsistence Minimum" dated May 19, 2009, No. 521 - Regime of availability: mmk.tj (Date of appeal: 09/12/2021)*
8. ***Zokirova Sh.M.*** *Problems of Regulation of Incomes of the Population. - Khujand, "Khuroson". 2007. - 148 pp.*
9. *Assessment of Potential and Trends of Key Indicators of Tax Collection in Sughd Viloyat.* ***Mamurov A.M., Ismatov Kh.H****. Bulletin of the Tajik State University of Law, Business and Politics. – Khujand, 2021, №2 (87). – pp. 41-55.*
10. ***Kadyrov D.B.*** *The Mechanism of Regulation of Incomes of the Population. - Dushanbe: Cognition, 2003. - 153 pp.*